**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 293/1с
аз «30» 06 соли 2025

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ
ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар қисми 6 моддаи 12, моддаи 18, дар қисми 1 ва 7 моддаи 24 ва моддаи 41 лоиҳа ухдадорӣ барои бахши хусусӣ оид ба пардохти хароҷоти таҳияи лоиҳаи асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаи консессионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, талабот нисбати довталабони озмун, талабот оид ба аз ҷониби довталаби озмун таъсис додани шахси ҳуқуқӣ ва аз аудит гузаштани он ва оид ба баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои бахши хусусӣ пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, ҷиҳати фароҳам овардани заминаи мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ барои истифодаи васеи механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва консессияҳо мусоидат менамояд.

Бо эҳтиром,
Директор Саидзода И.Ҳ.